**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ҚАРОРИ**

**РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

аз «06» октябри соли 2025, № 625

Дар бораи додани иҷозат барои лоиҳакашии маҷмааи биноҳо дар шаҳракҳои 173 ва 174 иборат аз биноҳои баландошёнаи бисёрфунксионалӣ блокҳои А-28 (бисту ҳашт), Б-35 (сиву панҷ), В-55 (панҷову панҷ), Г-31 (сиву як), Д-40 (чил) ошёна бо ошёнаҳои техникӣ, марказҳои бузурги савдо ба ошёнаҳои аввали онҳо ҳамроҳчаспонидасохташаванда, биноҳои истиқоматӣ иборат аз блокҳои А$^{I}$, Б$^{I}$, В$^{I}$, Г$^{I}$,-16 (шонздаҳ) ошёна А$^{II}$, Б$^{II}$, В$^{II}$, Г$^{II}$, Д$^{II}$, Е$^{II}$ - 18 (ҳаждаҳ) ошёна, А$^{III}$, Б$^{III}$, В$^{III}$, Г$^{III}$, Д$^{III}$, Е$^{III}$, Ж$^{III}$, И$^{III}$, К$^{III}$, Л$^{III}$, М$^{III}$, Н$^{III}$ - 20 (бист) ошёна, А$^{IV}$, Б$^{IV}$, В$^{IV}$, Г$^{IV}$, Д$^{IV}$, Е$^{IV}$, Ж$^{IV}$, И$^{IV}$ - 22 (бисту ду) ошёна, А$^{V}$, Б$^{V}$, В$^{V}$, Г$^{V}$, Д$^{V}$, Е$^{V}$, Ж$^{V}$, И$^{V}$ К$^{V}$, Л$^{V}$, М$^{V}$, Н$^{V}$, П$^{V}$, Р$^{V}$, С$^{V}$, Т$^{V}$, У$^{V}$ - 24 (бисту чор) ошёна, А$^{VI}$, Б$^{VI}$ - 28 (бисту ҳашт) ошёна ва биноҳои ҳамроҳчаспонида-сохташаванда ба блокҳои А$^{I}$, А$^{II}$, Б$^{I}$, В$^{I}$, Б$^{II}$, Г$^{I}$, А$^{VI}$, А$^{V}$, Б$^{V}$, А$^{IV}$, В$^{V}$, Б$^{III}$, Б$^{IV}$, Г$^{V}$, Д$^{V}$, В$^{IV}$, Г$^{IV}$, Е$^{V}$, В$^{II}$, Н$^{V}$, Д$^{IV}$, Е$^{IV}$, П$^{V}$, Е$^{II}$, Р$^{V}$, Ж$^{IV}$, С$^{V}$, М$^{III}$, И$^{IV}$, Т$^{V}$, У$^{V}$, Б$^{VI}$ бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ, утоқҳои нозири минтақавӣ, тибби оилавӣ дар ошёнаҳои аввал ва таваққуфгоҳи нақлиётии автомобилии на кам аз дусатҳа дар таҳхонаи онҳо, биноҳои галерия, сохтори идоракунии манзилҳо ва намоишгоҳҳои ҳунарҳои мардумӣ ва сайёҳӣ, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 1200 (як ҳазору дусад) ҷой, боғчаи кӯдакона барои 300 (сесад) ҷой, таъмиру таҷдиди намои берунаи бинои бисёрманзилаи №65, воқеъ дар кӯчаҳои А. Дониш, Н. Муҳаммад, А. Деҳлавӣ, А.Лоҳутӣ, А. Адҳамов, Ф. Аттор ва С. Шедрина, ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ва додани қитъаи замин

Мутобиқи моддаҳои 19, 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», моддаҳои 7, 11, 26, 37-41, 76, 77$^{1}$, 77$^{2}$, 77$^{3}$ Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 14 Кодекси

шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи $82^{6}$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ва қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 18 майи соли 2020, №300 «Дар бораи тартиб ва меъёрҳои пардохт барои додани иҷозати сохтмони бино ва иншоот дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе»

ҚАРОР МЕКУНАМ:

1. Ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТАС ИНТЕРНЕЙШНЛ ГРУПП» бо тасдиқи санади замимагардидаи ҷудо намудани қитъаи замин аз 3 октябри соли 2025, №38 дар масоҳати умумии 28,10 (бисту ҳашту аз сад даҳ) гектар, аз он 23,80 (бисту сею аз сад ҳаштод) гектар аз ҳисоби қитъаҳои замини зер ва гирду атрофи хонаҳои истиқоматӣ ва бинову иншоотҳои мавҷудаи бартарафшаванда ва 4,3 (чору аз даҳ се) гектар аз ҳисоби заминҳои захираи шаҳри Душанбе барои лоиҳакашии маҷмааи биноҳо дар шаҳракҳои 173 ва 174 иборат аз биноҳои баландошёнаи бисёрфунксионалӣ блокҳои А-28 (бисту ҳашт), Б-35 (сиву панҷ), В-55 (панҷову панҷ), Г-31 (сиву як), Д-40 (чил) ошёна бо ошёнаҳои техникӣ, марказҳои бузурги савдо ба ошёнаҳои аввали онҳо ҳамроҳчаспонидасохташаванда, биноҳои истиқоматӣ иборат аз блокҳои $А^{I}$, $Б^{I}$, $В^{I}$, $Г^{I}$,-16 (шонздаҳ) ошёна $А^{II}$, $Б^{II}$, $В^{II}$, $Г^{II}$, $Д^{II}$, $Е^{II}$ - 18 (ҳаждаҳ) ошёна, $А^{III}$, $Б^{III}$, $В^{III}$, $Г^{III}$, $Д^{III}$, $Е^{III}$, $Ж^{III}$, $И^{III}$, $К^{III}$, $Л^{III}$, $М^{III}$, $Н^{III}$ - 20 (бист) ошёна, $А^{IV}$, $Б^{IV}$, $В^{IV}$, $Г^{IV}$, $Д^{IV}$, $Е^{IV}$, $Ж^{IV}$, $И^{IV}$ - 22 (бисту ду) ошёна, $А^{V}$, $Б^{V}$, $В^{V}$, $Г^{V}$, $Д^{V}$, $Е^{V}$, $Ж^{V}$, $И^{V}$ $К^{V}$, $Л^{V}$, $М^{V}$, $Н^{V}$, $П^{V}$, $Р^{V}$, $С^{V}$, $Т^{V}$, $У^{V}$ - 24 (бисту чор) ошёна, $А^{VI}$, $Б^{VI}$ - 28 (бисту ҳашт) ошёна ва биноҳои ҳамроҳчаспонида-сохташаванда ба блокҳои $А^{I}$, $А^{II}$, $Б^{I}$, $В^{I}$, $Б^{II}$, $Г^{I}$, $А^{VI}$, $А^{V}$, $Б^{V}$, $А^{IV}$, $В^{V}$, $Б^{III}$, $Б^{IV}$, $Г^{V}$, $Д^{V}$, $В^{IV}$, $Г^{IV}$, $Е^{V}$, $В^{II}$, $Н^{V}$, $Д^{IV}$, $Е^{IV}$, $П^{V}$, $Е^{II}$, $Р^{V}$, $Ж^{IV}$, $С^{V}$, $М^{III}$, $И^{IV}$, $Т^{V}$, $У^{V}$, $Б^{VI}$ бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ, утоқҳои нозири минтақавӣ, тибби оилавӣ дар ошёнаҳои аввал ва таваққуфгоҳи нақлиётии автомобилии на кам аз дусатҳа дар таҳхонаи онҳо, биноҳои галерия, сохтори идоракунии манзилҳо ва намоишгоҳҳои ҳунарҳои мардумӣ ва сайёҳӣ, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 1200 (як ҳазору дусад) ҷой, боғчаи кӯдакона барои 300 (сесад) ҷой, таъмиру таҷдиди намои берунаи бинои бисёрманзилаи №65, воқеъ дар кӯчаҳои А. Дониш, Н.Муҳаммад, А.Деҳлавӣ, А. Лоҳутӣ, А.Адҳамов, Ф.Аттор ва С.Шедрина, ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе дода шавад.

2. Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе ҳамоҳангсозии корҳои лоиҳакаширо дар ҳамкорӣ бо Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТАС ИНТЕРНЕЙШНЛ ГРУПП» ҷиҳати таҳияи лоиҳаи муфассали банақшагирӣ ва лоиҳаи иморатсозӣ дар ҳалқаи кӯчаҳои А. Дониш, Н.Муҳаммад, А. Деҳлавӣ, А. Лоҳутӣ, А.Адҳамов, Ф.Аттор ва С.Шедрина бо ҷалби пажуҳишгоҳи лоиҳакашии таҷрибадор тадбирҳо андешад.

3. Муқаррар карда шавад, ки:

- лоиҳаи муфассали банақшагирии таҳияшаванда минбаъд барои татбиқ ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТАС ИНТЕРНЕЙШНЛ ГРУПП», ки дар таҳияи ҳуҷҷати шаҳрсозӣ бо пажуҳишгоҳи лоиҳакашӣ ҳамкорӣ ва хоҳиши лоиҳакашии марҳила ба марҳилаи биноҳоро вобаста ба сохтмон дар ин маҳал намудааст, асос шуда метавонад;

- қарори мазкур барои бастани шартнома бо ҳиссагузорон асос шуда наметавонад.

4. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТАС ИНТЕРНЕЙШНЛ ГРУПП»:

- розигии заминистифодабарандагонро бо тартиби муқарраргардида дастрас намуда баҳри ҳифзи ҳуқуқи соҳибмулкон ва таъмини адолати иҷтимоӣ ҷуброни зарари бино ва иншооти бартарафшавандаи мавҷударо дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор намуда, тариқи шартномаҳои нотариалӣ барасмият дарорад;

- ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ таклифҳои идораҳои дахлдори шаҳриро, ки дар санади ҷудо намудани қитъаи замин дарҷ гардидаанд ба инобат гирад;

- ба корҳои лоиҳакашии иншоот дар асоси талаботи супориши меъморӣ-банақшагирӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва меъёру қоидаҳои шаҳрсози шурӯъ намуда, пас аз мувофиқасозӣ ва дастрас намудани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, хулосаи экспертизаи давлатӣ, ҳуҷҷатҳоро бо маълумотномаи масоҳати умумии биноҳо (тибқи тартиб ва меъёрҳои тасдиқшудаи пардохт) ба Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозӣ пешниҳод намояд.

5. Дар сурати аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТАС ИНТЕРНЕЙШНЛ ГРУПП» дар давоми 3 (се) сол шурӯъ накардан ба корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмони иншоот, масъалаи бекор кардани қарори мазкур баррасӣ карда мешавад.

6. Раёсати андози шаҳри Душанбе ҳисобкунӣ ва ситонидани андози заминро мутобиқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монад.

7. Кумитаи идораи замини шаҳри Душанбе ба ҳуҷҷатҳои кадастри замин тағйироти дахлдор ворид намояд.

8. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе - сарпарасти соҳа гузошта шавад.

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ДАСТГОҲИ РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ * РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ, МУРОҶИАТ ВА ҚАБУЛИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА ҲУҚУҚӢ

Рустами Эмомалӣ